**Низомномаи**
**кафедраи муассисаи таҳсилоти миёнаи касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон**

## 1. Муқаррароти умумӣ

1. Низомномаи мазкур дар асоси талаботи қисми 3 моддаи 22 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» ва Низомномаи Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28.12.2006, №594 тасдиқ гардидааст, таҳия гардида минбаъд фаъолияти кафедраҳои муассисаи таҳсилоти миёнаи касбии Ҷумҳурии Тоҷикистонро муқарар менамояд.

2. Кафедра ҷузъи таркибии сохтори муассисаи таҳсилоти миёнаи касбӣ буда, дар байни донишҷӯён ва омӯзгорон корҳои таълимию тарбиявӣ, касбомӯзӣ ва илмию методиро ба роҳ мемонад.

3. Кафедра дар сурати мавҷуд будани на камтар аз 4 воҳиди кории барои кормандони илмию педагогӣ пешбинишуда, ки аз ин миқдор на камтар аз 1 нафарашон номзад ва доктори илм бошанд, ташкил карда мешавад. Кафедраҳои махсуси соҳаи фарҳанг, тарбияи ҷисмонӣ ва забонҳои хориҷӣ (дар факултетҳои ғайрифилологӣ) аз ин талабот истисно мебошанд.

4. Кафедра бо қарори Шӯрои олимони муассисаи таҳсилоти миёнаи касбӣ ва дар асоси фармон (фармоиш )-и директори муассисаи таълимӣ таъсис дода мешавад.

## 2. Вазифаҳои кафедра

5. Ба зиммаи кафедра вазифаҳои зерин гузошта мешавад:

– ташкил ва гузаронидани машғулиятҳои лексионӣ, амалӣ, лабораторӣ ва дигар намуди машғулиятҳои таълимӣ тибқи нақшаҳои таълимии муассисаи таҳсилоти миёнаи касбӣ;

– роҳбарӣ ба корҳои таълимию истеҳсолӣ, таҷрибаомӯзӣ, курсӣ, лоиҳа ва корҳои дипломӣ, ҳамчунин корҳои мустақилонаи донишҷӯён, ташкил ва гузаронидани санҷишу имтиҳони ҷорӣ;

– ташкил ва ба роҳ мондани корҳои тарбиявӣ дар байни донишҷӯён;

– мувофиқи тартиби муқарраргардида таҳия ва табъу нашри барномаҳои таълимӣ оид ба фанҳои омӯхташаванда;

– пешниҳоди тақриз ва хулоса ба барномаҳои таълимие, ки аз тарафи кафедраҳои дигар омода гардидаанд;

– таҳияи китобҳои дарсӣ, дастурҳои таълимӣ, дигар маводҳои методӣ, аёният ва хулосаҳои илмию методӣ барои нақшаҳои таълимӣ ва тахассусҳои нав;

– ба роҳ мондани корҳои илмию тадқиқотӣ дар асоси нақша;

– роҳбарӣ ба корҳои илмию тадқиқотии донишҷӯён;

– муҳокимаи корҳои илмию тадқиқотӣ ва татбиқи онҳо дар амалияи ҷамъиятӣ-истеҳсолӣ;

– ба нашр тавсия намудани маводҳои таълимии анҷомёфта;

– баррасии нақшаву барномаҳои инфиродии таълимӣ, илмӣ, методӣ ва корҳои тарбиявии устодон ва кормандони кафедра;

– омӯзиш, баррасӣ ва татбиқи таҷрибаи пешқадами омӯзгорони кафедра;

– дастгирӣ ва ёрии методӣ ба омӯзгорони ҷавон ва камтаҷриба дар роҳи такмил додани маҳорати педагогии онҳо;

– таҳия ва баррасии чорабиниҳо оид ба истифодаи маводҳои муосири таълимӣ ҳангоми машғулиятҳои амалӣ ва назариявӣ;

– тайёр намудани кадрҳои илмию педагогӣ;

– муҳокимаи рисолаҳои номзадӣ ва докторӣ, барои дифоъ пешниҳод намудани онҳо;

– бо супориши директори муассисаи таҳсилоти миёнаи касбӣ муҳокима ва баррасии рисолаҳои номзадӣ ва доктории аз берун воридшаванда;

– барқарор намудани алоқа бо истеҳсолот ва татбиқи робитаи назария бо амалия;

– ташкили робитаи мунтазам бо хатмкунандагони муассисаи таҳсилоти миёнаи касбӣ;

– ташвиқу тарғиби дастовардҳои илмии омӯзгорон ва кормандони кафедра, ташкил ва гузаронидани чорабиниҳо оид ба такмили ихтисоси устодон ва кормандон;

– ташкил, баррасӣ ва муҳокимаи дарсҳои кушоди устодони кафедра;

– муҳокимаи матни лексияҳо дастурамалҳои методии устодони кафедра ва тасдиқи онҳо.

6. Устодони кафедра бояд ҳар 5 сол як маротиба аз курсҳои такмили ихтисос, бозомӯзӣ ё коромӯзӣ гузаранд.

## 3. Роҳбарии кафедра

7. Кафедраро мудир роҳбарӣ мекунад. Мудири кафедра аз ҷумлаи номзадҳо ва докторони илм ба тариқи овоздиҳии пинҳонӣ дар Шӯрои олимони муассисаи таҳсилоти миёнаи касбӣ ба муддати 5 сол бо тариқи овоздиҳи пинҳони интихоб карда мешавад ва на зиёда аз ду муҳлат пайи ҳам метавонад интихоб шавад.

Ба таври истисно мудири кафедра аз зумраи устодони пуртаҷрибаи беунвони илмӣ ба муддати 5 сол ва на зиёда аз як муҳлат, ба тариқи овоздиҳии пинҳонӣ дар Шӯрои олимони муассисаи таҳсилоти миёнаи касбӣ интихоб карда мешавад.

8. Интихоби мудири кафедра дар асоси озмун гузаронида мешавад.

Озмун аз тарафи муассисаи таҳсилоти миёнаи касбӣ 1 моҳ пеш аз интихоби мудири кафедра дар саҳифаҳои васоити ахбори умум эълон интишор карда мешавад:

– дар озмун довталабон мутобиқи бандҳои 2 ва 4-и Низомномаи мазкур, мувофиқ ба ихтисос иштирок карда метавонанд;

– ҳамон нафаре мудири кафедра ҳисобида мешавад, ки агар дар Шӯрои олимони муассисаи таҳсилоти миёнаи касбӣ ҳангоми овоздиҳӣ зиёда аз панҷоҳ фоизи овозҳои аъзои Шӯрои олимонро гирад.

9. Мудири кафедра узви Шӯрои олимони муассисаи таҳсилоти миёнаи касбӣ мебошад.

10. Ба ҳайати кормандони кафедра, доктори илм, профессор-мушовир, номзади илм, дотсент, омӯзгор, омӯзгори калон, ассистент, ходимони калон ва хурди илмӣ, докторант ва аспирант, муҳаққиқ–коромӯз ва кормандони таълимию ёрирасон (лаборант, лаборанти калон, мудири лаборатория, котиби кафедра) дохил мешаванд.

11. Ишғоли вазифаи мудири кафедера аз ҷониби ҳайати профессорону омӯзгорони кафедра дар муассисаи таҳсилоти миёнаи касбӣ тибқи озмун, талаботи Низомномаи мазкур ва дар асоси шартномаи тарафайн тибқи қонунгузории ҷорӣ ба амал баровварда мешавад.

12. Фаъолияти ҳамасолаи мудири кафедра бо роҳи анкетагузаронӣ дар байни донишҷӯён ва устодону кормандони кафедра аз тарафи роҳбарияти муассисаи таҳсилоти миёнаи касбӣ муайян карда мешавад.

13. Маҳдудияти синну солӣ ҳангоми интихоби мудири кафедраи муассисаи таҳсилоти миёнаи касбӣ тибқи муқаррароти қонунгузории ҷумҳурӣ муайян карда мешавад.

## 4. Фаъолияти кафедра

14. Ба кафедраҳое, ки зиёда аз 20 нафар аъзо доранд, вазифаи муовини мудири кафедра иҷозат дода мешавад.

15. Барои роҳбарӣ ба кафедра дар сарбории мудири кафедра 50 соат ба нақша гирифта мешавад.

16. Иҷрокунандаи вазифаи мудири кафедра бо пешниҳоди декан дар асоси фармони директор муваққатан то 3 моҳ иҷозат дода мешавад.

17. Барои навиштани рисолаҳои номзадӣ, докторӣ, китобҳои дарсӣ ва дастурҳои таълимию методӣ, омӯзгорони кафедра метавонанд, дар асоси қарори Шӯрои олимони муассисаи таълимӣ, ба муддати се моҳ, шаш моҳ ва як сол ба рухсатии эҷодӣ тибқи Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон бароянд.

18. Мудирони кафедраи муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ дар мавридҳои зерин бозхонд карда мешаванд:

– дар мавриди иҷро нагардидани вазифаҳое, ки банди 5-и Низомномаи кафедраи муассисаи таҳсилоти миёнаи касбӣ муқаррар намудааст;

– дар муҳлатҳои муқарраргардида иҷро накардани талаботи шартномаи меҳнатӣ;

– ба таври манфӣ арзёбӣ гардидани фаъолияти мудири кафедра ҳангоми пешниҳоди ҳисоботи солона;

– ҳангоми ба синни нафақа расидан;

– дар сурати бемор ва ношунаво шудан, инчунин гирифтори бемории фалаҷ гардидан ва дигар ҳолатҳое, ки Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ намудааст.

19. Кафедра бояд дар асоси нақшаи корӣ ҳар моҳ бояд 1 маротибагӣ ҷаласа гузаронад.

21. Маҳдудияти синну солӣ ҳангоми интихоб ва аз вазифа озод намудани мудири кафедраи муассисаи таҳсилоти миёнаи касбӣ тибқи муқарраროти Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таъмини нафақаи шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба амал баровардa мешавад.

22. Мудири кафедра баъди ба синни нафақа расидан, тибқи Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар сурати зан будан аз синни 58 ва мард аз синни 63 – солагӣ аз вазифа озод карда мешавад.

## 5. Феҳрасти ҳуҷҷатгузорӣ дар кафедра

23. Феҳрасти ҳуҷҷатгузорӣ дар кафедра ба тариқи зайл сурат мегирад:

1). Қарорҳо, фармонҳо, дастурҳо, санадҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ дар алоҳидагӣ.
2). Фармонҳои директор ва супоришҳои муовинони он.
3). Қарорҳои Шӯрои олимон.
4). Суратҷаласаҳои кафедра ва машваратҳои илмӣ.
5). Дастурҳои вазифавии кормандон.
6). Нақшаҳои кории кафедра.
7). Ҳуҷҷатҳои татбиқи корҳои илмӣ.
8). Ҳуҷҷатҳои такмили ихтисоси устодони кафедра.
9). Нақшаҳои инфиродӣ ва ҳисоботи солонаи устодон.
10). Барномаҳои корӣ оид ба раванди таълим.
11). Ҳисоботи солонаи кафедра.
12). Ҳисоботи аспирантҳо.
13). Воҳидҳои корӣ ва тақсимоти соатҳои устодон.
14). Номгӯи мавзӯъҳои корҳои дипломии донишҷӯён.
15). Ҳуҷҷатҳо оид ба корҳои дипломӣ ва тақриз ба онҳо.
16). Номгӯи корҳои курсӣ ва санҷишӣ.
17). Билетҳои имтиҳонӣ аз фанҳои таълимии кафедра.
18). Ҳуҷҷатҳои ҷамъияти илмии донишҷӯён.
19). Ҳуҷҷатҳо оид ба таъминоти моддию техникии ҷараёни таълим.
20). Тақризҳо ва хулосаҳои кафедра.
21). Низомномаҳо.
22). Нақша–чорабиниҳо.
23). Дафтари бақайдгирии иҷрои сарбории таълимӣ.
24). Дафтари бақайдгирии корҳои курсӣ ва санҷишӣ.
25). Ҳуҷҷатҳои таҷрибаомӯзии таълимӣ ва истеҳсолӣ.
26). Дафтари бақайдгирии иштироки устодон ба дарсҳои ҳамдигар.
27). Дафтари бақайдгирии воситаҳои техникӣ дар ҷараёни таълим.
28). Ҷадвали навбатчигии устодон дар кафедра.
29). Ҷадвали қабули сабақгардонӣ.
30). Ҷадвали машваратҳои иловагӣ ва инфиродӣ.

31). Ҷадвали супоридани санҷишу имтиҳонҳо, лоиҳаҳои курсӣ ва корҳои назоратӣ.
32). Хуҷҷатҳои бойгонишуда.
33). Санадҳо.
34). Аризаву баёнотҳо вобаста ба мазмун дар алоҳидагӣ.

## 7. Қисмати хотимавӣ

24. Кафедра бо қарори Шӯрои олимон ва дар асоси фармон (фармоиш)-и директори муассисаи таҳсилоти миёнаи касбӣ барҳам дода мешавад.